**ХУЛОСАИ**

**шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048 дар назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм**

Парвандаи аттестатсионии № ________________________

**Қарори шурои диссертатсионӣ аз 25.04.2026, протоколи №48 барои сазовор донистани Амирализода Насрулло Неъматулло, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ**

Диссертатсияи Амирализода Насрулло Неъматулло дар мавзуи «Методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ» аз рӯйи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.1. Назария ва методикаи таълими математика (таҳсилоти умумӣ)) дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионии 6D.КОА-048-и назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» (воқеъ дар суроғаи 735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2025, таҳти №416/ҳя) 14- уми феврали соли 2026 суратмаҷлиси №4 ба ҳимоя қабул карда шуд.

Довталаби дараҷаи илмӣ Амирализода Насрулло Неъматулло 12-уми феврали соли 1973 дар ноҳияи Ховалинги вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 1999 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро аз рӯйи ихтисоси математика хатм кардааст.

Амирализода Насрулло Неъматулло аз соли 2022 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи “Математика ва методикаи таълими он”- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ буда, айни ҳол дар вазифаи омӯзгори кафедраи “Математикаи олӣ ва информатика”- и Донишгоҳи технологии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи “Математика ва методикаи таълими он”- и Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ: Сироҷиддини Давлаталӣ** – номзади илмҳои педагогӣ, и.в., дотсенти кафедраи математика ва методикаи таълими они Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (айни ҳол дар вазифаи ҷонишини декан оид ба илми факултети математика ва информатикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ).

**Муқарризони расмӣ: Азимова Назира Самадовна** - доктори илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи математика ва информатикаи Донишкадаи байналмиллалии Хуҷанди Донишгоҳи байналмиллалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва **Раҷабзода Саодат Ҷамол** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи “Методикаи таълими математика ва технологияи иттилооти”- и Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертатсияи Амирализода Н.Н. бо имзои раиси ҷаласа декани факултети механикаю матикатикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон н.и.тех., дотсент, Саидзода Исроил Маҳмад, эксперт, д.и.тех., профессори кафедраи математикаи ҳисоббарор ва механика Шерзода Н. ва котиби ҷаласа н.и.п., дотсент, мудири кафедраи методикаи таълими математика ва геометрияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қурбонзода С.Р. омода гардида, бо имзои ректори донишгоҳ д.и.ҳ., профессор Насриддинзода Э.С. аз 19- уми марти соли 2026 тасдиқ шудааст. Мазмуни тақриз мусбат мебошад. Дар он мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба соҳаи илми эълоншуда, мубрамияти мавзуи таҳқиқот, навгонии илмии диссертатсия, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии он, дараҷаи этимоднокии диссертатсия, саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаҳои илмӣ, инчунин мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ зикр гардидааст.

Муассисаи пешбар қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Амирализода Н.Н. дар мавзуи «Методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ» ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26-июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ буда, дар маҷмуъ, метавон иброз намуд, ки довталаб барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.4. Назария ва методикаи таълиму тарбия (5.3.4.1. Назария ва методикаи таълими математика (таҳсилоти умумӣ)) сазовор мебошад.

Довталаби дараҷаи илмӣ 13 интишороти илмӣ нашр намудааст, ки ҳамаи он оид ба мавзуи диссертатсия мебошанд. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 4 мақола ба нашр расонидааст.

1. *Амирализода, Н.Н.* Таснифи методҳои геометрӣ ва татбиқи он дар ҳалли масъалаҳо [Матн] / Н.Н. Амирализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - 2022. - №4(29) – С. 135 - 140. - ISSN: 2616-5260

2. *Амирализода, Н.Н.* Мафҳуми масъала дар адабиёти психологӣ – педагогӣ ва методии геометрия [Матн] / Н.Н. Амирализода // Паёми «Донишгоҳи милии Тоҷикистон». - 2023. - №11 – С. 256 -264. - ISSN: 2074-1847

3. *Амирализода, Н.Н.* Асосноксозии мафҳуми модел ва моделронӣ аз нуқтаи назари умумиилмӣ ва геометрӣ [Матн] / Н.Н. Амирализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - 2023. - №1(30). – С. 137 -145. - ISSN: 2616-5260

4. *Амирализода, Н.Н.* Амсиласозӣ дар курси геометрияи мактабӣ [Матн] / Н.Н. Амирализода // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохбар ба номи Носири Хусрав. - 2025. - №1/1(131) – С. 268 -274. - ISSN: 2663-5534

Ба унвонии шурои диссертатсионии 6D.KOA-048 тақризҳои зерини ғайрирасмӣ ба автореферати Амирализода Насрулло Неъматулло ворид шудаанд:

1. Мирзозода Раҳмоналӣ Раҷаб – д.и.п., мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тодикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

2. Давлатбеков А.А. – н.и.ф-м., муаллими калони кафедраи математикаи олии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон. Тақриз мусбат аст.

3. Хайруллоҳзода Ш.А. – д.и.ф-м., профессори кафедраи алгебра ва назарияи ададҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Тақриз мусбат арзёбӣ шудааст.

4. Нематуллоев О.А. – н.и.ф-м., мудири кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Тақриз мусбат аст.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267, бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295), интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи педагогика буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ масъалаҳои зерин мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд:

– муайян кардани мазмун ва муҳтавои масъалаҳои асосии моделронии ҳалшаванда;

– роҳандозӣ гардидани имкониятҳои воқеии татбиқи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои амалӣ;

– анҷом додани коркардҳои илмӣ ва нишондодҳои методӣ дар самти амалисозии моделронӣ;

– пешниҳод намудани роҳу усулҳои самарабахши татбиқи моделсозӣ дар ҳалли масъалаҳои геометрӣ;

– истифодаи моделҳои мувофиқ ҳангоми ҳалли масъалаҳо ва мунтазам гузаронидани исботи теоремаҳо дар раванди онҳо;

– бо тасвирҳо пешниҳод гардидни бештари масъалаҳо на матнӣ ва аз рӯйи онҳо муқаррар кардани шартҳо;

– пешниҳоди методикаи амалисозии моделронӣ ҳангоми таълими фанни геометрия, ва фароҳам овардани шароити мусоид барои баланд бардоштани нерӯи зеҳнии хонандагон.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

таҳияи ба нақшагирии фанни геометрия бо истифодаи моделҳои геометрӣ, маводи дидактикӣ: варақаҳо ва супоришҳо, ташреҳи кор бо моделҳои геометрӣ, сенарияи машғулиятҳо, тавсияҳои методӣ доир ба ташкили онҳо, дақиқ кардани шаклҳои кор бо моделҳои геометрӣ, муайян будани натиҷаҳои таҳқиқот ва ғайра фаро мегирад.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар нуктаҳои зерин таъмин гардидаанд:

– эътимотнокии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки онҳо дар раванди таълим истифода гардида, натиҷаҳои қаноатбахшро соҳиб гардид;

– корҳои дар заминаи таҳқиқот анҷомдодашуда ва натиҷагирӣ аз онҳо боварибахши рисоларо тасдиқ менамоянд;

– истифодаи ҷанбаҳои педагогию психологии методологияи методикаи истифодаи моделҳо дар ҳалли масъалаҳои геометрияи мактабӣ (МГМ) таҳия гардид;

– тавсия ва дастурҳои илмӣ–методӣ оид ба асосҳои методологии моделҳо ва моделсозӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз фанни геометрия пешниҳод гардид.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** дар таҳияи диссертатсия бештар амалишаваии маъхазҳои илмӣ, масъалагузории мавзуъ аз ҷиҳати назариявию амалӣ, барномарезӣ, ба расмият дарории моделсозӣ дар курси геометрияи мактабӣ, сохтани моделҳои ёрирасон барои ҳалли масъалаҳои геометрӣ ва натиҷаҳои ҳосилшуда ифода ёфтааст.

Дар ҷаласаи шурои якдафъаинаи диссертатсионӣ аз санаи 25- уми апрели соли 2026 оид ба сазовор донистани Амирализода Насрулло Неъматулло бо дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 15 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 5 нафар докторони илм - мутахассисон аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 15 нафар иштирокдоштагон дар ҷаласа, ки ба шуро шомил буданд, овоз доданд: тарафдор - 15 нафар, муқобил - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси шурои диссертатсионӣ** **Сатторов А.Э.**

**Котиби илмии**
**шурои диссертатсионӣ** **Раҳматуллоҳзода Ш.Р.**

“_25_”___04___ 2026

Ҷ.М.